Дар зербоби аввал – «**Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ ҳамчун институти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**» зикр гардидааст, ки масъалаи шомил намудани мурофиаи байналмилалии гражданӣ ба соҳаи илм ва низоми таълимии «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» боиси шубҳа нахоҳад буд. Аз ин рӯ, аксар олимони соҳибихтисоси соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таълифоти худ фасли алоҳидаро дар мавзӯи мурофиаи байналмилалии гражданӣ ворид месозанд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки аксар баҳсҳо проблемаи шомил намудани мурофиаи байналмилалии гражданиро ба зерсоҳаи ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ ба миён мегузорад. Масъалаи мустақилияти ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ, ҳамчун соҳаи ҷудогона, аллакай баҳсу мунозираи махсусро тақозо намекунад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар шароити кунунӣ метавон дар бораи ду самти муайянкунии мавқеи муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии гражданӣ сухан ронд. Мавқеи аввал ба он асос ёфтааст, ки муносибатҳои мурофиавии гражданӣ, бо мавҷудияти «тоифаи хориҷӣ», ба мавзӯи танзими ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ шомил карда шавад. Нуқтаи назари дувум бо баррасии муносибатҳои мурофиавии граждании байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқҳои мурофиавии гражданӣ асоснок карда шудааст. Аксар мутахассисон самти ҳуқуқи байналдмилалии хусусӣ (Л.А. Лунц, Н.И. Марышев, Г.К. Дмитриев) чунин меҳисобанд, ки муносибатҳои мурофиавӣ предмети ҳуқуқҳои мурофиавии гражданӣ маҳсуб меёбад. Олимони дигар (М.М. Богуславский, Ш. Менглиев), ба он нигоҳ накарда, ки ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ, гуруҳи ҳуқуқҳои хусусӣ мебошад, ба ҳар ҳол мавқеи нисбатан васеъро дар масъалаҳои марбут ба соҳаи ҳуқуқ нигоҳ медоранд. Муаллифи диссертатсияи мазкур мавқеи олими соҳа М.К. Сулеймоновро ҷонибдорӣ менамояд, ки ӯ «ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мурофиаи байналмилалии гражданӣ»-ро бо дарназардошти мантиқи ин истилоҳот, соҳаи комплексӣ ном бурдааст.

Муаллиф, ҳамчунин бо ҷонибдорӣ аз нуқтаи назари олим Л.П. Ануфриева, ки масъалаҳои раванди байналмилалии шаҳрвандиро ҳамчун институти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ менамояд, зикр кардааст, ки набояд муносибатҳои мурофиавии аз «элементи хориҷӣ» мураккаб гаштаро аз муносибатҳои хусусии моддӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намуд, зеро маҳз тавъамгардонии онҳо барои ноил гаштан танзими дурусти ҳуқуқӣ имкон медиҳад. Муносибатҳои мурофиавии байналмилалӣ назар ба ҳуқуқҳои мурофиавии шаҳрвандии кишвар бо ҳуқуқҳои байналмилалии ҳуқуқи хусусӣ бештар қаробат доранд.

Дар диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шудааст, ки нишонаи хоси ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи маҷмӯии ҳуқуқ мавҷудияти ҷузъиёти хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар мавриди пайдо шудани баҳсҳо дар муносибатҳо бо тоифаи хориҷӣ бояд соҳаи мазкур то ҳадди ҳалли ҳолатҳои ихтилофот ба танзим дароварда шавад. Аз ин рӯ, ин муносибатҳоро, ки яклухтиро ифода мекунанд, гоҳ ба муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва гоҳ ба муноси-

батҳои гражданӣ-мурофиавӣ мансуб донистан, ба ақидаи мо, мақсаднок нахоҳад буд. Дар робита ба ин масъала ногузир ба хулосе омадан мумкин аст, ки мурофиаи байналмилалӣ бо унсури хориҷӣ нисбат ба ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ бештар ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қаробат дорад.

Дар диссертатсия дақиқан таъкид мегардад, ки нишонаи асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро элементи хориҷӣ доштани масъала ташкил медиҳад. Зарурати муттаҳидгардонии меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ дар як Қонун «Дар бораи ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ» асоснок карда шудааст, ки он муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва муносибатҳои мурофиавиро бо «элементи хориҷӣ» дар бар гирифта, возеҳу равшан намудан, шарҳу эзоҳ ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқиро осон мегардонад. Дар диссертатсия шомил намудани эътироф ва ҳалли қарорҳои судии хориҷӣ ба институти ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ бо далелҳои эътимодбахш собит карда шудааст. Гуфта мешавад, ки ҳангоми баррасии проблемаҳои эътироф ва ҳалли қарорҳои судии хориҷӣ дараҷаҳое истифода бурда мешаванд, ки ба мавзӯи қисми асосии ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ мансуб мебошанд: ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, баррасии баҳсҳо аз рӯйи тартиби оммавӣ, қарордодҳои байналмилалӣ ва ғ.

Ғайр аз ин, дар масъалаи мазкур маҳз нақши қарордодҳои байналмилалӣ бузург аст, ки мавҷуд набудани он барои рад намудани ҳалли маҷбурии қарори судии хориҷӣ асос гардад. Меъёрҳо оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ на фақат дар қонунҳо дар бораи ҳуқуқҳои байналмилалии хусусии давлатҳои хориҷӣ, балки ҳамчунин дар қарордодҳои байналмилалӣ оварда шудаанд. Муаллиф зикр менамояд, ки дар сурати берун аз ҳудудӣ ҷумҳурӣ баровардани қарори дахлдори суд, мутассил бархӯрди меъёрҳои коллизионӣ мегардад, ки интихоби қонунгузориҳои манфиатбахш барои баҳси оилавӣ муҳим аст. Ҳалли дурусти интихоби меъёрҳои колизионӣ ба суд имкон медиҳад, ки аз рӯйи баҳсҳои муайяни ҳуқуқӣ- оилавӣ қарори асоснок қабул намояд. Дар ин ҷо суд аллакай қарори мазкурро баровarda, онро ба эътибор мегирад, ки дар муносибатҳои тарафайн «элементи хориҷӣ»-ро дар бар гирифтааст. Набояд раванди муайянкунии ҳуқуқи истифодашаванда, гузаронидани мурофиаи шаҳрвандӣ ва қабули қарор халалдор карда

шавад, чун оқибат бояд, қарори мазкур эътироф гардида, бояд дар давлати хориҷӣ мавриди иҷро қарор гирад.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Ҷанбаҳои доктриналии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ»** ба таҳқиқи моҳияти эътироф ва ҳалли қарорҳои судии хориҷӣ аз доираи мавқеи ғоявӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи ҷанбаҳои доктриналии эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ ба муаллиф имкон дод, ки дар масъалаҳои зерин хулосаҳо барорад: дар хусуси беасос будани назарияи байналмилалии хушмуомилагӣ, ки ба мавҷуд набудани муайянкуниҳои аниқ барои ба низомдарории муносибатҳо оид ба истифодаи эътибори масунияти (дахлнопазирии) ҳуқуқҳои хориҷӣ асос ёфтааст; дар бораи шубҳаовар будани консепсияи ӯҳдадориҳо, ки тибқи он қарори суди хориҷӣ барои ҷонибҳо баҳсҳои ҳуқуқӣ ва ӯҳдадориҳоро бобати ба доираи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ гузаронидани дараҷаҳои ҳуқуқҳои хусусӣ, ба вуҷуд меорад. Ҳангоми ӯҳдадориҳоро ихтиёран иҷро намудани ҷонибҳо зарурати эътироф намудан ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар ҳудуди кишвар ба миён намеояд.

Муаллиф зикр менамояд, ки назарияи ҳуқуқҳои ҳосилгардида, ки ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ аз рӯйи талаботи зарурияти ҳифзи ҳуқуқи дар кишвари хориҷӣ ҳосилшуда асос ёфтааст, хусусиятҳои сохтори ҳуқуқии кишварҳои мухталифро ба эътибор намегирад. На ҳамеша қароре, ки суд дар ҳудуди давлати хориҷӣ қабул кардааст, мавриди иҷро қарор мегирад, зеро эҳтимолияти мухолифати он ба тартиботи оммавии кишваре, ки дар он эътироф ва иҷрои минбаъдаи қарор дархост карда мешавад, истисно нест. Сиёсати ҳамоҳангсозӣ дар байни қарор ва сохтори ҳуқуқии давлат мувозинати қарори судии хориҷиро бо lex specialis, тавассути омезиши дараҷаи қонун ва қарори судӣ, таъмин намудааст. Қарори судӣ ҳамчун қонуне баррасӣ мегардад, ки ба ҳалли ихтилофоти муайян равона карда шудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки талаботи ҳамгироӣ яке аз муҳимтарин манбаи ҳуқуқии ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ маҳсуб ёфта, иҷозат медиҳад, ки устувории муносибаҳои байнидавлатӣ таъмин гардида, барои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқҳои хусусии мансубиятҳои гуногун имконияти татбиқи ҳуқуқҳояшонро дар ҳудуди давлати хориҷӣ фароҳам меорад.

Дар зербоби сеюми боби аввал – **«Барқарорнамоии институти эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикисто-**

**ни муосир»** муаллиф мабдаи (сарчашмаи пайдоиши) таърихии институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷиро дар ҳудуди Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар диссертатсия таҳқиқ карда шудааст, ки ҳатто соҳаи ҳуқуқи замони феодалӣ ба қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ арҷ мегузошт. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки маҳз пайдоиши давлатдории ҳудудӣ омили рушди институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар рӯйи олам гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки агар сухан дар бораи рушди сохтори судӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ равад, пас, зикр кардан ба маврид аст, ки решаҳои пайдоиши он то ба гузаштаҳои дур рафта мерасад. Таҳқиқи проблемаҳои оилавӣ, дар навбати худ, аз даврае ибтидо мегирад, ки муносибатҳои қавмию қабилагии одамони қадим ба муносибатҳои оилавӣ табдил ёфтанд. Дар ин давра ҷараёни судӣ ба ҳар ҳол шакли муназзам нагирифта буд.

Аммо аллакай дар соли 552-юм дар давраи ҳукмронии Дорои Бузург барои идоракунии корҳои додгустарӣ Вазорати махсус таъсис ёфта буд, ки он фаъолияти худро таҳти роҳбарии Доддабир идоракунандаи мақомоти судии давлати Хахоманишҳо ба роҳ мемонд. Бо мақсади ҳалли корҳои судӣ иморатҳои махсус ҷудо карда шуда буданд. Маҷмӯаи қонунҳо бошанд, дар оташкадаҳо, ки дар онҳо маросими ақди никоҳ мегузарониданд, маҳфуз дошта мешуданд. Адолати судии он замон дар асоси расму оин, амрҳо ва қонунгузориҳои давлати Хахоманишҳо, ҳамчунин дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи китоби Авасто гузароинда мешуд. Бо дарназардошти ҳамин, муаллиф чунин натиҷагирӣ менамояд, ки корҳои судиро ҳам дар асоси ҳуқуқҳои асосӣ, ҳам дар пояи меъёрҳои суннатҳои амалкунандаи маҳаллӣ ҳаллу фасл кардан мумкин аст, зимнан манбаъҳои номбурдаи адолати судӣ на ҳамдигарро истиснокунанда, балки ҳамдигарро пуррагардонанда маҳсуб меёфтанд.

Қабули қарор дар асоси ҳама гуна меъёрҳои дар боло номбурда аз ҷониби давлат қонунӣ эътироф мешуд, ки далели мазкур, бешубҳа, гувоҳи эҳтироми байниҳамдигарии байни мақомоти давлатӣ, эътироф ва қабули суннатҳои маҳаллии аҳолӣ ва сокинони кишвар, эҳтироми қонунгузории давлат ба шумор мерафт. Зикр карда мешавад, ки чунин ҳолати коргузорӣ мутассил барои ташаккули институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ заминаҳо ба вуҷуд овард. Аммо дар ин маврид сухан танҳо дар хусуси пояҳои ташкили институти номбурда меравад. Дар бораи эътирофи қарорҳо оид ба корҳои оилавии аз ҷониби

судҳои хориҷӣ қабулшаванда, ибрози ақида намуда, гуфтан мумкин аст, ки истифодаи ин мафҳум ба маънои пуррааш мутобиқ ба сохтори қонунгузориҳои Тоҷикистони таърихии он давра, бинобар мавҷуд набудани ин ё он маълумоти эътимоднок, душвориҳо ба миён меовард.

Рушди минбаъдаи институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ ба нимаи дуюми асри XIX рост меояд, ки ба давраи ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ ба Россия ва паҳн гаштани он дар доираи қонунгузориҳои ин давлати абарқудрат алоқаманд мебошад. Ҳолати мазкур вобаста аз он аст, ки дар давраи ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Россия дар Шимоли Тоҷикистон, ки он солҳо қисмати асосии генерал-губернатории Туркистонии давлати Россия маҳсуб меёфт, сегонагӣ дар ҳуқуқ мавҷуд буд. Дар ҳудуди мазкур амал мекарданд: 1) қонунгузории мустамликавӣ; 2) ҳуқуқи мусулмонӣ; 3) ҷузъиёти алоҳидаи одатҳои ҳуқуқӣ.

Чунин сегонагӣ ҳамчунин дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Марказӣ ба мушоҳида мерасид. Зимнан муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ асосан аз рӯйи меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуданд. Ин гуфтаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Россияи подшоҳӣ татбиқи қарорҳои қонуниро, ки тибқи суннатҳои мардумӣ дар амри генерал-губератори Туркистон қабул карда мешуданд, эътироф мекард. Намояндагони генерал-губератори Туркистон ва дар навбати худ қарорҳои судии дар асоси қонунгузориҳои мустамликадорӣ баровардашударо эътироф ва мавриди иҷро қарор медоданд, ки ин гувоҳи ҳусни ҳамҷаворӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳо ба шумор меравад. Чуноне ки маълум аст, маҳз талаботи ҳусни ҳамҷаворӣ рушди институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ асос гузошт, ки ба такомули минбаъдаи он мусоидат намуд.

Дар давраи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ноҳияҳои аз тобеияти собиқ кишвари Туркистон озодшуда танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ дар асоси Кодекси оилаи РСФСР ба роҳ монда шуд. Дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ бошад, яъне дар минтақаҳое, ки аз тобеияти собиқ Ҷумҳурии Бухоро ба ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон гузашта буданд, ин муносибатҳо мисли пештара тибқи меъёрҳои динӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешуданд. Муаллиф чунин хулоса мебарорад, ки институти эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ, ки мавқеи худро ба шарофати истиқлолияти давлатии ҶТ дар

сохтори ҳуқуқии Тоҷикистони асри XX ишғол намудааст, ҳамасола бештар зарур ба шумор меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Проблемаҳои истифодабарии ҳуқуқ ҳангоми эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ»** асосҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ, проблемаҳои ҳуқуқии марбут ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якум – **«Танзими ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои суди хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ»** зикр карда шудааст, ки на ҳар як қарори судии хориҷӣ дар ҳудуди ҶТ қобили эътироф ва қабул мебошад. Муаллиф менависад, ки қонунгузорӣ он дараҷаи корҳоеро муқаррар менамояд, ки тибқи онҳо қарор дар давлати хориҷӣ қабул карда шудааст ва эътирофу қабули онҳо дар ҶТ талаб карда мешавад. Маълум карда шудааст, ки мафҳуми эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муносибатҳои оилавӣ андаке ба тарзи дигар маънидод карда мешавад, ки бо ҳолатҳои зерин алоқаманд аст: бо хислатҳои хоси муносибатҳои баррасишаванда, тавсифоти махсуси муносибатҳои тарафайн, ки дар байни шахсони никоҳшаванда, шахсони хоҳиши бастани ақди никоҳдошта ба вуқӯъ мепайванданд, масъалаҳои уҳдадориҳои пардохти нафақаи (алименти) фарзандон, муайянкунии падарӣ, масъалаҳое, ки кӯдак бо кадоме аз волидон мемонад, агар онҳо дар кишварҳои гуногун истиқомат намоянд, аммо дар байнашон қарордод оид ба расонидани кумакҳои байниҳамдигарии оилавӣ баста нашудаст ва ғ. Зарурати танзими ҳуқуқии масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, назар ба ақидаи муаллиф, аз он бармеояд, ки худи институти оила на фақат барои ҶТ, балки бешубҳа, барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле манфиатнок мебошад.

Чуноне ки зикр карда шуд, асоси ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ дар ҶТ шартномаи байналмилалӣ бо иштироки ҶТ ба шумор меравад. Аммо доираи муайяни корҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки аз рӯйи онҳо меъёрҳои қонунгузориҳои ҶТ эҳтимолияти эътироф намудани қарорҳои судии хориҷиро бе мавҷуд будани шартномаи байналмилалии бо давлати дахлдор басташуда низ пешбинӣ менамояд. Чунин тартиби кор фақат дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ иҷозат дода мешавад. Ғайр аз КМГ ҶТ сарчашмаи эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар ҶТ оид ба муносибатҳои оилавӣ Кодекси оила ба шумор меравад. Аммо проблемаи эътироф ва дар амал татбиқ намудани

қарорҳои судии хориҷӣ дар Кодекси оила ба таври зарурӣ ҷой дода нашудааст, ки ин ҳолат, ба ақидаи муаллиф, нуқсони ҷиддӣ дар қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф зикр менамояд, ки фақат масъалаи эътироф оид ба бекор кардани никоҳи берун аз ҳудуди ҶТ басташуда, танҳо дар Кодекси оила аз ҷиҳати ҳуқуқӣ банизом дароварда шудааст.

Тибқи қ. 3, м. 171 КО ҶТ бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони ҶТ ва шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки берун аз ҳудуди ҶТ, бо риояи қонунгузории давлати хориҷии дахлдор, салоҳиятнокии мақомоте, ки оид ба бекор кардани никоҳ қарор қабул кардаанд ва қонунгузорие, ки ҳангоми бекор кардани никоҳ бояд истифода бурда шавад, дар ҶТ, ҳатто дар ҳолатҳои мавҷуд набудани қарордод бо давлати дахлдор оид ба эътирофи тарафайни қарори қабулшуда, боэътибор дониста мешавад. Ҳамчунин, қарори судҳои хориҷӣ оид ба бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони хориҷӣ эътироф карда мешавад. Масъалаи эътироф оид ба бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони тоҷик, ки берун аз ҳудуди ҶТ баста шудааст, дар КО ҶТ пешбинӣ нагардидааст. Ба ақидаи муаллиф ба мақсад мувофиқ мебуд, агар қ. 3, м. 171 КО ҶТ бо ибораи «бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони ҶТ ё…» пурра гардонида, меъёри ҳуқуқӣ чунин ифода карда шавад: «Бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони ҶТ ё бекор кардани никоҳи шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки берун аз ҳудуди ҶТ, бо риояи қонунгузории давлати хориҷии дахлдор, салоҳиятнокии мақомоте, ки оид ба бекор кардани никоҳ қарор қабул кардаанд ва қонунгузорие, ки ҳангоми бекор кардани никоҳ бояд истифода бурда шавад, дар ҶТ боэътибор дониста мешавад».

Меъёри ҳуқуқии дар боло зикршудаи марбут ба масъалаи эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар ҶТ, шояд меъёри ягона ба шумор равад. Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки ҳангоми мавҷуд набудани шартномаҳои байналмилалӣ, ҳалномаи суди хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ тибқи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди ҶТ эътироф намешаванд ва мавриди иҷро қарор намегиранд. Аз ҷумла, талаботи мазкур чунин институтҳои аҳамиятноки ҳуқуқҳои оилавӣ, ба монанди ӯҳдадориҳои пардохти алиментро низ фаро мегирад, ки баъзан ба он табақаҳои бепарастори аҳолӣ – кӯдакон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар қ. 1, м. 119 КО ҶТ омадааст - шахсоне, ки барои сукунати доимӣ ба давлате мераванд, ки бо он Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи байналмилалии пешбиникунандаи эътирофи мутақобила ва иҷрои ҳалномаҳои судро дар хусуси ситонидани алимент ба имзо

нарасонидааст, вазифадоранд бо аъзои оилаашон дар бораи пардохти алимент созишномаи хаттӣ ба имзо расонанд ва он бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ карда шавад. Қисми 2-юми ҳамин модда ҳолати мазкурро амиқ месозад: «Дар сурати ҳосил нашудани мувофиқа, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат карда, дар шакли маблағи устувор муайян намудани алимент ва пардохти яквақтаи алимент… ё бо тариқи дигар додани алиментро талаб намояд». Аммо маҳз бо сабабҳои номаълум – ин мафҳум дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Ба маънои умумӣ аз ин бармеояд, дар мавриде, ки агар алиментсупоранда тарки Тоҷикистон карда ва қоидаи пардохти алиментро мувофиқа накунад, шахси манфиатдор бояд ба суди ҷойи истиқомати алиментсупоранда муроҷиат намуда, дар хусуси ситонидани алимент дар асоси талаботи умумӣ даъвогар шавад, ки дар амал татбиқ намудани ин талабот, ба назари мо, душвор хоҳад буд. Агар шахси манфиатдор дар ин маврид ба суди дахлдори ҶТ даъво пеш орад, он гоҳ қарори мазкури судӣ аз рӯйи талаботи ҳамгирой тарафайн ҳамчунин дар ҳудуди давлати хориҷӣ эътироф ва иҷро намешавад. Аз ин бармеояд, ки масъалаи ситонидани алиментҳо бо иштироки афроди хориҷӣ дар КО ҶТ пурра ба низом дароварда нашудааст, ки ин ҳолат, ба ақидаи муаллифи диссертатсия, нуқсони ҷиддии қонунгузорӣ дар соҳаи баррасишаванда маҳсуб меёбад.

Хусусиятҳои эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷиро оид ба ихтилофоти оилавӣ ба ҳисоб гирифта, муаллиф банизомдарории масъалаи мазкурро дар Фасли VIII КО ҶТ «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ» бо истинод ба Кодекси мурофиавии граждании граждонӣ зарур мешуморад. Банизомдарории муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи оилавӣ бо иштироки шахсони хориҷӣ ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқҳои истифодшавандаи онҳо проблемаҳои коллизионӣ рубару мешаванд. Дар навбати худ, истифодаи ҳуқуқе, ки ба ҳалли муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар муносибатҳои оилавӣ мусоидат менамояд, метавонад ба зарурати эътироф ва иҷрои он дар ҳудуди ҶТ оварда расонад.

Масъалаҳои мазкур ба мавзӯи ҳуқуқҳои байналмилалии хусусӣ дахл доранд. Мутаассифона, мавҷуд набудани қонуне, ки ҳамаи вариантҳои эҳтимолии муносибатҳои ҳуқуқҳои хусусиро дар маънои васеи сухан ва муносибатҳои мурофиаи судии аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ мураккабшударо муттаҳид гардонад, зарурати такмили қонунҳоеро ба миён мегузорад, ки дар онҳо бояд банизомдарории ҳуқуқӣ пешбинӣ

шуда бошанд. Дар ин бобат КО ҶТ ва КМГ ҶТ, ки меъёрҳо, муносибатҳои банизомдарории аз ҷониби афроди хориҷӣ мураккабшударо ифода намоянд, истисно нестанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ оид ба корҳои оилавӣ ҳамчун асоси иҷрои онҳо»** муаллиф мавқеи олимон (Г.К. Дмитриева, Т.М. Яблочков, И.С. Перетерский ва диг.)-ро оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ таҳқиқ намуда, пешниҳод менамояд, ки дараҷаи «эътироф»-и ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ аз рӯйи ду мазмуни муҳим бояд баррасӣ карда шавад: якум, ҳамчун эътирофи оддӣ, ва маҳз эътирофе, ки амалҳои минбаъдаи мурофиаи судӣ, иҷрои онҳоро талаб намекунад (эътирофи бекор кардани никоҳ; эътирофи беэътибор дониста шудани никоҳ; муносибатҳои оид ба парасторӣ ва васоят; фарзандхонӣ); дуюм, ҳамчун эътирофи мураккаб, яъне эътирофе, ки шарти зарурӣ, асоси иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ ба шумор меравад.

Зикр карда мешавад, ки дар шароити кунунӣ ҶТ иштирокдори-шартномаҳои минтақавии байналмилалии банизомдарории масъалаҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди ин, дар ягон шартнома дар ягон қонунгузории миллӣ мафҳуми «эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ» қонунан муайян карда нашудааст. Ҳамчунин КМГ ҶТ ва КО ҶТ масъалаи мазкурро дар канор мондаанд. Аммо мазмуни мафҳуми мазкур аз рӯйи нишонаҳои ба чунин дараҷаҳо хоси худ, бешак, дар механизми банизомдарории тартиби эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ, ҳам дар сатҳи миллӣ, ҳам дар таҷрибаи байналмилалии қарордодҳои давлатҳо, нақши асосӣ мебозад. Муаллиф нишонаҳои эътирофи қарорҳои судии хориҷиро тасниф карда, зикр менамояд, ки иҷрошавандагии яке аз нишонаҳои «эътироф» чунин маъноро ифода мекунад: қарори судии хориҷӣ ба андозае иҷро мешавад, ки ба ҳамон андоза қарорҳои судҳои маҳаллӣ татбиқ мегарданд.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки суди баррасикунандаи дархости эътироф моҳиятан онро ҳал накарда, фақат риояи як қатор талаботро аз ҷониби суди хориҷӣ мавриди санҷиш қарор медиҳад. Дар ҳамин ифода меёбад, хусусияти фавқулодагии ҳукми қонунӣ гирифтани қарори судӣ, яъне аз лаҳзаи ҳукми қонунӣ гирифтани қарори суд ҷонибҳо ё шахсони дигари иштирокчии мурофиа наметавонанд бо ҳамон дархости даъвоӣ ва дар асоси аввалӣ ба суд муроҷиат намоянд.

Татбиқи қоидаи мазкур фақат барои корҳои дараҷаи номбурда пешбинӣ мешавад. Дар мавриди мавҷудияти қарордоди байналмилалӣ оид ба кумакҳои ҳуқуқӣ ё банизомдарории талабот оид ба созиши байниҳамдигарии ҷонибҳои мувофиқакунанда бояд аз рӯйи тартиботи ҳатмӣ чунин дараҷаи корҳо, ба монанди эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ пешбинӣ карда шаванд. Бешак, дар ҳамин ифода меёбад хусусияти зарурат, бахусус, дар мавриде, ки ба қарори судӣ аз рӯйи дараҷаи муайян мақоми ҳукми қонунӣ дода мешавад.

Суд дархостро оид ба эътироф қабул намуда, чуноне ки зикр шуд, парвандаро моҳиятан баррасӣ накарда ва ба ҳеҷ ваҷҳ қарори судиеро тағйир намедиҳад, ки оид ба корҳои муайян дар кишвари қабулкардаи қарори аввалияи судӣ бароварда шудааст. Танҳо ҳамон омилҳои ҳалномаро мавриди санҷиш қарор медиҳад, ки оё хавфи вайронкунии талаботи асосии мурофиаи судӣ дар қарори эътирофшудаи давлат вуҷуд дорад ва ё ба густариши эътибори ҳуқуқии қарори судӣ ба асосҳои қоидаҳои умумии давлати эътирофкарда мухолифат намекунад. Дар диссертатсия чунин нишонаҳои эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ, ба монанди раднашавандагӣ, ки имконнопазир будани шикоятҳои минбаъда ё эътироз ба қарори номбурдаро ифода менамоянд, дар алоҳидагӣ зикр ёфтаанд.

Муаллиф чунин нишонаи қарорҳои судии хориҷӣ, ба мисли маҳдудияти ҳудудиро ошкор намудааст. Муайянкунии муаллифии мафҳуми «эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ» таҳия гардидааст, ки маънои қоидаҳои густариши эътибори ҳуқуқии қарори судиро дар ҳудуди давлати дигаре, ки татбиқи амалии қарор ба он мансуб аст, ифода менамояд. Таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳуми эътирофи ҳалномаҳои судии хориҷӣ заруратро ба миён меорад, ки ба КМГ ҶТ, аз ҷумла моддаи «Эътирофи ҳалномаҳои судии хориҷӣ» дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Эътирофи ҳалномаи судии хориҷӣ қоидаҳои густариши эътибори ҳуқуқии қарори судиро дар ҳудуди давлатҳои дигаре ифода мекунад, ки қарор дар он бояд иҷро шавад».

Бо дарназардошти хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба КО ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Боби 22 «Истифодаи қонуни оила дар бораи никоҳ ва оила нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» бо моддаи «Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ» мукаммал гардонида, он дар таҳрири зайл оварда шавад: «Ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ оид ба

парвандаҳои оилавӣ дар ҶТ эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар ин ҳолат дар қонун ё шартномаҳои байналмилалии ҶТ ё дар ҳамгироии тарафайни пешбинӣ шуда бошад».

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Проблемаи иҷрои ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф муайянкунии иҷрои маҷбурии ҳалномаи судии хориҷӣ ҳамчун марҳилаи ҳукми қонунӣ гирифтани он, ки аз рӯйи ҳалномаи дар давлати хориҷӣ бароварда шуда, ба қонеъ гардонидани талаботи даъвогӣ бо шаҳрванди ҶТ ё шахсони дар ҳудуди ҶТ истиқоматкунанда равона гардидааст, пешниҳод менамояд. Зикр карда мешавад, ки хусусияти парвандаҳои оилавӣ имкон медиҳад, ки хислатҳои хоси шарҳу эзоҳи ба амалоянда дар бораи тартиби оммавӣ ҳангоми иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ ошкор карда шаванд. Ба ақидаи муаллиф шарҳу эзоҳ дар бораи тартиби оммавӣ ҳангоми рад кардани иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар номувофиқатии оқибатҳои одоби муошират ва адолатнокӣ зоҳир мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки шарҳу эзоҳ дар бораи тартиби оммавӣ, ки дар м. 177 КО ҶТ оварда шудааст, бо ифодаи он дар таҳрири зерин аниқ карда шавад: «Ҳуқуқи хориҷии оилавӣ дар мавридҳое мавриди истифода қарор намегирад, ки агар он ба меъёрҳои ахлоқ (одоби муошират) ва асосҳои тартиботи ҳуқуқии (тартиботи оммавии) ҶТ мухолиф бошад».

Боби сеюми диссертатсия – **«Хусусиятҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ»** ба таҳқиқоти масъалаҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ оид ба ҳалли ихтилофоти байни ҳамсарон ва ихтилофот дар доираи аслу насаби кӯдакон, тарбия ва нигоҳубини онҳо бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми – **«Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳалли ихтилофоти байни ҳамсарон»** муаллиф аз байни қарорҳои судҳои хориҷии марбут ба муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамсарон гурӯҳи махсуси қарорҳоро ҷудо намудааст, ки онҳо дар маврди набудани қарордоди байналмилалӣ низ эътироф карда мешаванд. Чунин қарорҳои судӣ бебаҳс ба шумор рафта, далели рағбат надоштани ҳамсаронро ба идомаи муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ муқаррар менамояд, ё аз мавҷудияти айбу нуқсонҳои субъектҳо шаҳодат медиҳад, ки дар талаботи онҳо оид ба нуқсонҳои тартибот ҳангоми бастани ақди никоҳ: дар бораи талоқ, дар бораи

беэътибор дониста шудани никоҳ ифода меёбад. Таҳқиқоти баҳсҳои молумулкӣ дар байни ҳамсарон муаллифро ба хулосае овард, ки дар масъалаи эътироф ва иҷрои минбаъдаи қарорҳои судии хориҷӣ сухан фақат дар хусуси муносибат бо моли манқул меравад. Баҳсҳои фавқулоддаи молу мулкии қобили баррасии судӣ банизомдарории қонунгузориҳои ҶТ-ро, ба мисли баҳсҳо оид ба тақсимоти молу мулки дар ҳудуди ҶТ мавҷудбуда ба миён мегузоранд.

Дар зербоби дуюм – **«Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судии хориҷӣ аз рӯйи баҳсҳои аслу насаби кӯдакон, тарбия ва нигоҳубини онҳо»** ба муаллиф имкон дод, ки дар бораи зарурати ба номгӯйи қарорҳои судӣ ворид намудани қарорҳое, ки дар мавриди мавҷуд набудани қарордоди байналмилалӣ низ эътироф карда шудаанд; қарорҳои судҳои хориҷӣ оид ба барқарор намудани далелҳои аҳамияти ҳуқуқидошта ва қарорҳои судҳо дар бораи писархондӣ (духтархондӣ) хулоса барорад. Номгӯйи қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ, ки дар ҶТ эътироф карда мешаванд, ба таври ошкоро мегузарад. Чунончи, дар м. 404 КМГ ҶТ нишон дода шудааст, ки дар кишвари мо қарорҳои судҳое эътироф карда мешаванд, ки моҳиятан дар мавридҳои пешбининамудаи қонун барои аз нав баррасӣ намудан талаб карда намешаванд. Аммо дар қонунгузориҳои ҶТ ду ҳолати эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ пешбинӣ шудаст: ҳангоми беэътибор дониста шудани никоҳ ва бекор кардани никоҳ. Қарорҳои судии хориҷӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дахл доранд, дар мавриди мавҷуд набудани шартномаи байналмилалӣ ва дар бевосита зикр карда нашуданашон дар қонунгузорӣ эътироф карда намешаванд. Номгӯйи ошкорои ҳалномаҳои эътирофгардидаи судии давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки ҳолати қонунгузорӣ дар ин самт рушду такомул ёбад.

Барои ноил гаштан ба мақсадҳои мазкур муаллиф зарур мешуморад, ки дар қисми аввали м. 173 КО ҶТ масъалаи эътирофи қарорҳои судии хориҷӣ оид ба барқарор намудан ва ҳалли баҳси падарӣ, ки танзими коллизиониро дар ин масъала мукаммал мегардонад, ба низом дароварда шавад, ва ин мазмун дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Барқарор намудани падарӣ (модарӣ), ки берун аз ҳудуди ҶТ сурат гирифтааст, дар ҶТ эътироф карда мешавад, агар он мутобиқ ба қонунгузории давлате бошад, ки кӯдак аз рӯйи таваллуд шаҳрванди ин давлат ба шумор меравад». Мунокишаи падарӣ ва модарӣ, ки берун аз ҳудуди

ҶТ сурат гирифтааст, дар ҶТ эътироф карда мешавад, агар алайҳи он шахси дар ҳудуди ҶТ ба таври доимӣ истиқоматкунанда, ки тибқи низоми дар давлати хориҷӣ муқарраргардида падари (модари) кӯдак эътироф шудааст, эътироз баён накунад».

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ифода ёфта, ҷанбаҳои назариявӣ бозгӯй шудаанд ва аз тарафи муаллифи диссертатсия як қатор пешниҳодҳо иброз ёфтаанд. Муаллиф хулосагири менамояд, ки эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ дар асосҳои зерин институти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравад: «Ҳангоми аз ҷониби давлати хориҷӣ қабул кардани қарори судӣ ҳуқуқи барои баҳс истифодашаванда интихоб карда мешавад. Қарори судии хориҷӣ, ки эътироф ва иҷрои он зарур дониста шудааст, аз ҷониби «шаҳрванди хориҷӣ» печидаву мураккаб гардонида мешавад. Аз ин рӯ, қабули Қонун «Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»-ро бо дарбаргирии мурофиаи байналмилалии гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ махсус таъкид менамояд» [1-М, 2-М].

Таҳқиқоти муносибати давраҳои ҳуқуқӣ нисбат ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ ба ошкор намудани мафҳумҳои зерин мусоидат намудааст: «мушкилоти дар амал татбиқ намудани назарияи ҳамгироии байналмилалӣ, нораво будани ба муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ гузаронидани дараҷаҳои ҳуқуқии хусусӣ дар доираи консепсияи ӯҳдадориҳо, ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои сохтори ҳуқуқии кишварҳои мухталиф дар доираи назарияҳои ҳуқуқҳои ҳосилшуда, барои асоснокунии амалҳои фаромарзии қарорҳои судӣ дар ҷанбаҳои сиёсии байни қарорҳо ва сохтори ҳуқуқии давлат худсарона иваз намудани дараҷаҳои қонун ва қарорҳои судӣ ва ғ.» [4-М].

Инчунин муаллиф чунин хулоса менамояд, ки таҳқиқи хусусиятҳои иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ имкон дод, ки таъиноти муаллифӣ оид ба ҳалли маҷбурӣ таҳия карда шавад. Мафҳуми мазкур марҳилаҳои аз рӯйи қарори дар давлати хориҷӣ қабулшуда ба ҳукми қонунӣ даромадани қарори судии хориҷиро ифода менамояд, ки ба қонеъ гардонидани талаботи даъвогии шаҳрванди ҶТ ё шахсони дар ҳудуди ҶТ истиқоматкунанда равона гардидааст [5-М]. Ҳамзамон муаллиф таъкид менамояд, ки хислати хоси парвандаҳои оилавӣ имкон дод, ки хусусиятҳои тавзеҳот оид ба ошкоро будани мурофиаҳои судӣ ҳангоми иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ маълум карда шаванд, ки онҳо

дар номувофиқатии оқибатҳои эътирофи меъёрҳои ахлоқӣ (одоби муносибат) ва адолатнокӣ ифода меёбад [8-М, 9-М].

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### 1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1–М].** Аминов, М.М. К вопросу признания и исполнения решение иностранных судов в Республике Таджикистан / М.М. Аминов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2012. – № 3/1 (79). – С. 48-52 (0,5 п.л.).

**[2–М].** Аминов, М.М. Порядок и основания для исполнения решения иностранного суда в Республике Таджикистан / М.М. Аминов // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2012. – № 3. – С. 48-52 (0,4 п.л.).

**[3–М]**. Аминов, М.М. Порядок признания и исполнения решений иностранных судов в рамках Конвенционного режима в Таджикистане / М.М. Аминов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – Душанбе: РТСУ, 2012. – № 4 (39). – С. 51-57 (0,4 п.л.).

**[4–А].** Аминов, М.М. Доктринальные подходы к признанию и исполнению иностранных судебных решений / М.М Аминов // Научно-политический журнал «Государственного управления». – Душанбе, 2019. – № 4 (26). – С. 16-21 (0,4 п.л.).

### 2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:

**[5-М].** Аминов, М.М. Особенности признания и исполнения иностранных судебных решений по семейным делам / М.М. Аминов // «Молодежь и современная наука»: матер. респ. конф. Вып. 3. -Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 48-52 (0,4 п.л.).

**[6-М].** Аминов, М.М. Признание и исполнение решений иностранных судов по семейным делам в Республике Таджикистан / М.М. Аминов // Вестник Институт повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан. – 2012. – № 2. – С. 52-57 (0,4 п.л.).

**[7-М].** Аминов, М.М. Роль судебной власти в процессе признания и исполнения решений иностранных судов в Республике Таджикистан / М.М. Аминов // Жизнь и закон. – 2012. – № 3. – С. 3-12 (0,5 п.л.).

**[8-М].** Аминов, М.М. К проблеме признания иностранных судебных решений / М.М. Аминов // Становление гражданского законодательства Республики Таджикистан: юбил. сб. науч. стат., посвящ. 10-летию образования каф. гражданского права Российского-Таджикского (славянского) университета / Под. ред. Ш.М. Менглиева и Х.Т. Насирова. – Душанбе, 2012. – С. 349-353 (0,4 п.л.).

**[9-М].** Аминов, М.М. Оговорка о публичном порядке при признании и исполнении иностранных решений по семейным делам / М.М. Аминов // Гражданское право и его роль в формировании гражданского общества: сб. матер. респ. науч. конф. (г. Душанбе, 30 апреля 2013 года.). – Душанбе, 2013. – С. 128-133 (0,4 п.л.).

**[10-М].** Аминов, М.М. Признание и исполнение решений иностранных судов согласно национальным законодательствам и международным договорам / М.М. Аминов // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – Душанбе, 2013. – № 3 (03). – С. 67-72 (0,4 п.л.).

**[11-М].** Аминов, М.М. Признание и исполнение иностранных судебных решений по спорам о детях / М.М. Аминов // Молодежь и современная наука): матер. респуб. конф. Вып. 4. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С. 311-319 (0,5 п.л.).

**[12-М].** Аминов, М.М. Признание и исполнение иностранных судебных решений как институт международного частного права/М.М.Аминов // Научно-политический журнал Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2014. – № 3-4(23-14). – С. 31-40 (0,5 п.л.).

**[13-М].** Аминов, М.М. Признание и исполнение решений судов иностранных государств по разрешению споров между супругами / М.М. Аминов // Роль права в современном обществе: достижения и перспективы»: Сб. матер. междунар. науч.-практ. конф. (г. Душанбе, 17 октября 2014 г.). – Душанбе, 2014. – С. 138-141 (0,4 п.л.).

**[14-М].** Аминов, М.М. Становление института признания и исполнения иностранных судебных решений на территории современного Таджикистана / М.М. Аминов // Научно-политический журнал Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – № 1-4 (23-14). – С. 39-45 (0,4 п.л.).

# АННОТАЦИЯ
## диссертации Аминова Мухамаджона Махмадризоевича на тему «Проблемы признания и исполнения иностранных судебных решений по семейным делам в Республики Тажикистан»

**Ключевые слова**: признания, исполнения, иностранных судебных решений, семейным делам, международного частного права, международный процесес, конвенционный режим.

Диссертация Аминова М.М. является одним из важнейших вопросов юридической науки в особенности оно посвящается семейному праву и международному частному праву. Тема исследования является очень тонким и изучается в области гражданского процессуального право, семейного право и международного частного права. Автор научно обосновал и доказал, что, признание и исполнение решения судов иностранных государств является очень важным, чтобы оно состоялось с участием иностранного гражданина или в иностранном государстве или решение суда того или иного государства, в котором признается и исполняется, и на основе этого они принимает свою решение, безусловно эти событие рассматриваются международным частным правом. А также в диссертации указывается решение судов иностранных государств и его выолненые с древных времен до наших дней.

Автор в своей дессертации научно обосновывает, что в современном этапе признание и исполнение решения судов иностранных государств требует в определенной мере вынесенные изменения в сфере гражданского процессуального права. В тоже время подчеркивается эффективность судебных разбирательств, их исполнении и решение судов иностранных государств в РТ, и имет принцип взаимной интеграции государств.

Потому что в процессе глоболизации, склонность семейных отношений не может решатся односторонно. Многосторонние или двухсторонние решения обязательно. С учетом глубокого анализа автор представил несколько научных предложений по развитию отрасли направленных на совершенствование и законодательство в отрасли, и равитие правовой системи РТ.

# АНОТАТСИЯ

## ба диссертатсияи номзадии Аминов Муҳамадҷон Маҳмадризоевич дар мавзӯи «Проблемаҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Калидвожа:** эътироф, иҷро, ҳалномаи суди давлати хориҷӣ, парвандаҳои оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мурофиаи байналмилалӣ, меъёри конвенсионӣ.

Диссертатсияи номзадии Аминов М.М. ба яке аз масълаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ, алалхусус ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти муносибатҳои оилавӣ бахшида шудааст. Мавзӯи таҳқиқотӣ хеле нозук буда, дар соҳаҳои ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи оилавӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Муаллиф бо асосҳои илмӣ исбот намудааст, ки қарори суди давлати хориҷӣ, ки эътироф ва иҷрои он зарур дониста шудааст, бо иштироки шаҳрванди хориҷӣ ё дар хориҷи кишвар ба вуқӯъ мепайвандад ё суди давлате, ки дар он қарори хориҷӣ эътироф ва иҷро карда мешавад, мавҷудияти шартномаҳои дуҷониба ва байналмилалиро ба миён гузошта, дар заминаи онҳо қарори худро қабул менамояд, бешубҳа падидаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад. Ҳамзамон, дар диссертатсияаз умқи таърих то замони муосир доираи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия илман асоснок менамояд, ки дар замони муосир эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ масъалаи рӯзмарра буда, зарурати ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуки мурофиавии гражданӣ ворид намудани тағйиротҳои ҷиддӣ ба миён омадааст. Ҳамзамон, таъкид мегардад, ки ба хотири самаранок гардонидани иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар ҶТ принсипи ҳамгироии тарафайнии давлатҳо бояд ҷорӣ карда шаванд. Чунки дар раванди ҷаҳонишавӣ торафт мураккаб гардидани муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ бе ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналмилалӣ ҳал намудани масъалаҳои ба миён омада ғайриимкон мебошад.

Дар диссертатсия муаллиф асоснок намудааст, ки парвандаҳои оилавии бо унсури хориҷӣ, ки иҷроиши маҷбурии минбаъдаро талаб намекунанд, новобаста аз санади байналмилалии амалкунанда, агар қарори суди давлати хориҷӣ ба қонунгузории ҶТ мухолифат накунад, бояд эътиборнок дониста шавад. Бо назардошти таҳлилҳои амиқи гузаронидашуда муаллиф як қатор тавсияҳои илмии амалӣ-назариявӣ пешниҳод намудааст, ки барои такмили қонунгузории соҳа ва рушди низоми ҳуқуқии ҶТ манфиатовар мебошад.

## ANNOTATION

## For the candidate thesis of Aminov Mukhamadzhon Makhmadrizoevich on the topic «Recognition of the problem and implementation of the decision of the courts of foreign countries related to family court cases in the Republic of Tajikistan»

**Keywords:** recognition, enforcement, foreign court decisions, family matters, private international law, international process, convention regime.

Aminov M.M. thesis is one of the most important issues of legal science, in particular, it is devoted to private international law. The topic of the study is very subtle and is being studied in the field of civil, family and international private law. The author scientifically substantiated and proved that the recognition and implementation of the decision of the courts of foreign countries is very important that it takes place with the participation of a foreign citizen or in a foreign state or the decision of the court of a state in which it is recognized and implemented, and on the basis of this they accept their The decision, of course, these events are considered international private law. And also in the dissertation is indicated the decision of the courts of foreign countries and its execution from ancient times to our days.

The author, in his session, scientifically substantiates that, at the present stage, recognition and implementation of a decision of the courts of foreign countries require, to a certain extent, changes made in legal proceedings, in the sphere of civil law. At the same time, the effectiveness of legal proceedings, their implementation and the decision of the courts of foreign countries in the Republic of Tajikistan are emphasized, and they have the principle of mutual integration of states. Because in the process of globalization, the propensity of family relations cannot be solved unilaterally. Multilateral or bilateral solutions are required.

In his dessertion, the author substantiates judicial family matters with a foreign element, does not require compulsory execution, regardless of international practice, as recognition of the opposite. Taking into account the in-depth analysis, the author presented several scientific proposals on the development of the industry aimed at improving both the legislation in the industry and the development of the legal system of the Republic of Tajikistan.

Ба нашр 15.02.2020 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60* 84 1/16 Қоғази офсетӣ 80 гр.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,8. Теъдоди нашр 100.
Супориши № 96.

---

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айни дар назди
Парки Технолога, хиёбони Рӯдакӣ, 121.